«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
С. Наҷмиддинов
аз “5” апрели соли 2013 №3-12а/14

«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “1” феврали соли 2013 №5-ф

**Дастурамал**
**оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромад**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромад (минбаъд-Дастурамал) дар асоси талаботи қисми 8 моддаи 158 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромад, пешниҳоди эъломияҳои андоз ва дигар омилҳои андозбандии андоз аз даромадро муайян менамояд.
2. Муқаррароти Дастурамали мазкур ба даромади шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи низомҳои махсуси андозбандӣ (дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд) татбиқ намешавад.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН ВА ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

3. Супорандагони андоз аз даромад, шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объекти андозбандишаванда доранд.
4. Объекти андозбандӣ даромади андозбандишаванда, аз ҷумла, ҳама гуна даромад, ки новобаста ба маҳал ва воситаи пардохт барои давраи андоз ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ ва маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Дастурамали мазкур муайян карда мешавад, ба ҳисоб меравад:
а) барои шахсони воқеие, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) аз манбаъҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
б) барои шахсони воқеие, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намераванд, аз манбаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда.
5. Даромади умумие, ки шахси воқеӣ мегирад, ба гуруҳҳои зерин тақсим мешавад:
а) даромадҳое, ки дар манбаъҳои пардохт андозбандӣ карда мешаванд.
б) даромадҳое, ки дар манбаъҳои пардохт андозбандӣ карда намешаванд.
6. Даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои шахси воқеӣ, ки дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ ба он пардохт мешаванд, ба истисноИ даромадҳо, ки мувофиқи боби 10 Дастурамали мазкур аз пардохти андоз аз даромад

озод карда шудаанд, ба даромади умумии ҳамин шахси воқеӣ мансубанд, аз ҷумла:

а) даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд;

б) даромадҳо аз фаъолияте, ки меҳнати кироя ҳисоб намешавад;

в) ҳама гуна даромадҳои дигар.

## 3. ДАРОМАДҲО ДАР ШАКЛИ МУЗДИ МЕҲНАТ

7. Ҳама гуна пардохтҳо, манфиатҳо ё подошҳо, аз ҷумла дар шакли моддӣ ва ғайримоддӣ, ки ба шахсони воқеӣ пардохт мешавад, новобаста ба шакл ва маҳалли пардохт даромаде ҳисоб мешавад, ки дар шакли музди меҳнат гирифта шудааст, аз ҷумла:

а) даромадҳо аз меҳнати кироя;

б) даромадҳо аз иҷрои кор ва хизматрасонӣ мутобиқи шартнома ё бе чунин шартномаҳо, аз ҷумла подошпулиҳо аз шартномаҳои муаллифӣ, ба истисnoи шартномаҳое, ки мавзӯи онҳо гузариши ҳуқуқи моликият ё ба дигар шахс додани ҳуқуқи молумулкӣ мебошад;

в) даромадҳо аз меҳнати кирояи пешина, ки дар шакли нафақа ё дигар шакл гирифта мешаванд ё даромадҳо аз меҳнати кирояи минбаъда.

8. Даромаде, ки андозсупоранда дар шакли музди меҳнат гирифтааст, шаклҳои зерини пардохти аслро (натуралиро) дар бар мегирад:

а) пардохти музди меҳнат дар шакли аслӣ (натуралӣ);

б) арзиши молу мулке, ки ройгон дода мешавад. Арзиши иҷрои кор ва хизматрасонии ройгон дар ҳаҷми хароҷоте муайян карда мешавад, ки бинобар иҷрои чунин корҳо, хизматрасониҳо сарф шудаанд.

*<u>Мисоли 1</u>:*

*Ширкати сохтмонии «А» дар моҳи январи соли 2013 ба ҳуқуқшиноси ширкат Рустамов М. ба андозаи 2000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб намуд. Дар худи ҳамин моҳ ширкати «А» аз ҳисоби худ таъмири хонаи ба Рустамов М. тааллуқдоштаро ройгон анҷом дод. Таъмири хона барои ширкати сохтмонӣ ба 3000 сомонӣ баробар шуд. Арзиши таъмири ройгон гирифта барои Рустамов М. бо мақсади андозбандӣ ҳамчун даромади ӯ дар шакли музди меҳнат баҳо дода (дониста) мешавад. Даромади (музди меҳнати) Рустамов М. бо мақсади ҳисоб намудани андози даромад барои моҳи январ 5000 сомонӣ, аз ҷумла 2000 сомонӣ-музди меҳнати ҳисобшуда ва 3000 сомонӣ - даромади дар шакли аслӣ дар намуди таъмири ройгони хона аз тарафи ширкати сохтмонии «А» (корфармо) гирифтаро ташкил мекунад.*

в) аз ҷониби корфармо пардохт гардидани арзиши молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ки корманд аз шахсони сеюм гирифтааст.

*<u>Мисоли 2:</u>*

*Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамов М. дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» ҳамчун ҳуқуқшинос кор мекунад. Барои моҳи январи соли 2013 ба Рустамов М. ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда*

*шуд. Ҷамъият аз ҳисоби худ маблағи хуроки кормандони худро пардохт мекунад. Арзиши як хӯрок 10 сомониро ташкил мекунад. Дар моҳи тақвимӣ 22 рӯзи корӣ мебошад. Дар чунин ҳолат даромади (музди меҳнати) Рустамов М. бо мақсади ҳисоб намудани андози даромад 1220 сомонӣ, аз ҷумла 1000 сомонӣ – музди меҳнат ва 220 сомонӣ (22 рӯз х 10 сомонӣ) даромади дар шакли аслӣ пардохтаи хӯроки кормандро, ки аз ҷониби ҶДММ «А» (корфармо) анҷом дода шудааст, ташкил мекунад.*

9. Барои мақсадҳои банди 7 Дастурамали мазкур арзиши манфиати андозсупоранда ба маблағҳои зерин бо тарҳи ҳама гуна пардохтҳои худи андозсупоранда барои гирифтани ин манфиат баробар мебошад:

а) ҳангоми гирифтани қарз тибқи меъёри фоизи пасттар аз меъёри бозорӣ барои чунин намуди қарзҳо – маблағи баробар ба фоизҳое, ки бояд тибқи меъёри бозорӣ пардохт шаванд;

*Мисоли 3*:

*Рустамов М. дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» ҳамчун ҳуқуқшинос кор мекунад. Барои моҳи январи соли 2013 ба Рустамов М. ба андозаи 2000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст. Ба ғайр аз ин, Рустамов М. ба роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» бо хоҳиши ба ӯ ҷудо намудани қарз ба андозаи 10 000 сомонӣ ба мӯҳлати 1 моҳ муроҷиат намудааст. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "А" ба ӯ ба мӯҳлати як моҳ қарзи бефоиз дод. Дар фосилаи муддати гузашта, яъне аз 1 январ то 31 январ меъёри фоизи бозорӣ барои чунин намуди қарзҳо 3% барои 1 моҳро ташкил додааст . Яъне, агар Рустамов М. аз дигар ташкилоти молиявии қарзӣ, чунин қарз мегирифт, он гоҳ вай бояд барои қарзи шабеҳ бо меъёри 3% фоиз пардохт мекард.*

*31 январ Рустамов М. маблағи қарзро пурра адо кард.*

*Дар ин мисол даромади умумии Рустамов М. бо мақсади ҳисоб намудани андози даромад барои моҳи январ 2300 сомонӣ, аз ҷумла 2000 сомонӣ-музди меҳнати ҳисобшуда ва 300 сомонӣ- манфиати аз қарзи бефоизи гирифтаро (10 000 х3%) ташкил мекунад.*

б) ҳангоми фурӯш ё ройгон додани молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо – арзиши бозории чунин молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо;

в) ҳангоми гирифтани кӯмак барои таҳсили корманд ё шахсони дар таъминоти ӯ қарордошта (ба истисноӣ барномаҳои тайёрӣ, ки бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои корманд алоқаманданд) – барои кӯмакгиранда арзиши кӯмаки гирифташуда;

*Мисоли 4:*

*Исматов А. дар вазифаи сармуҳосиби Ҷамъияти саҳомии пушидаи «А» кор мекунад.Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси худ вай ба курси «Стандартҳои байналхалқии баҳисобгирии муҳосибӣ» дохил шуд. Дониши дар ин курсҳо гирифташуда бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои ба вазифаи ишғолнамудаи ӯ алоқаманд мебошад. Арзиши курси омӯзишӣ 500 сомониро*

*ташкил мекунад. Ҷамъияти саҳомии пушидаи "А" аз ҳисоби худ маблағи курси мазкурро пардохт намуд. Дар ҳолати мазкур 500 сомонӣ ба даромади умуми Исматов А. бо мақсади ҳисоб намудани андози даромад дохил намешавад, чунки чунин курсҳо бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои ба вазифаи ишғолнамудаи ӯ алоқаманд мебошанд. Агар Исматов А. курсҳои (барномаҳои, омӯзишҳои) бевосита ба корӣ (ӯҳдадориҳои вазифавии) ӯ алоқаманд набударо мегузашт ва Ҷамъияти саҳомии пушидаи "А" (корфармо) маблағи ин курсҳоро (барномаҳоро, омӯзишҳоро) ҷуброн мекард, он гоҳ маблағи ҷуброн ба даромади умумии Исматов А. бо мақсади андозбандӣ дохил карда мешуд.*

г) дар ҳолати ба корманд ҷуброн кардани хароҷоте, ки бевосита ба меҳнати кирояи ӯ алоқаманд нестанд – маблағи ҷуброн;

д) ҳангоми бахшидани қарз ё ӯҳдадории корманд дар назди корфармо – маблағи қарз ё ӯҳдадории бахшидашуда;

*<u>Мисоли 5:</u>*

*ҶСП «Актив» ӯҳдадории кормандро ба андозаи 10000 сомонӣ дар назди ҷамъият, ки қаблан ҳамчун қарз дода шуда буд, гузашт кард (аз эътибор соқит донист). Дар ин мисол маблағи қарзи бахшидашудаи (қарзи қаблан додашуда)корманд, манфиати вай ҳисоб шуда, бо мақсади андозбандӣ ба даромади умумии ӯ дохил карда мешавад.*

е) ҳангоми пардохти подоши суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ ва дигар маблағҳои шабеҳ аз ҷониби корфармо – арзиши чунин подоши суғуртавӣ ё маблағҳо барои корфармо;

ё) дар дигар ҳолатҳо – арзиши бозории манфиат.

*<u>Мисоли 6:</u>*

*Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» бо ташкилоти суғуртавӣ ба манфиати коргари худ шартномаҳои суғуртаи <u>ихтиёрии</u> ҳаёт баст ва ҳаққи суғуртавиро (подоши суғуртавиро)ба андозаи 1000 сомонӣ пардохт намуд. Доир ба ин амалиёт манфиатгиранда корманди ширкат мебошад, ки ба фоидаи ӯ суғуртаи <u>ихтиёрӣ анҷом дода шудааст.</u> Маблағи манфиати корманд ба 1000 сомонӣ баробар аст, ки ба даромади умумӣ ӯ дохил шуда, бо андози даромад андозбандӣ карда мешавад.*

10. Даромади умумии корманд ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро мутобиқи меъёрҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқарраршуда, инчунин ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ – ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои шахсони дар боло номбаршуда дар бар намегирад.

11. Даромади умумӣ пардохтҳои намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳро (барои гузаронидани ҷашнҳо, ҷойгиронии меҳмонон ва ғайра), ки шахси воқеӣ гирифтааст, дар бар намегирад.

12. Пардохти моддӣ (ғайримоддӣ), арзиши фоидаҳо, пардохтҳо ва хароҷоти корфармо ба фоидаи шахсони воқеӣ, ки дар бандҳои <u>8</u> ва 9

Дастурамали мазкур зикр шудаанд, маблағи андози аксиз, андоз аз арзиши иловашуда ва ҳама гуна дигар андозеро дар бар мегиранд, ки корфармо бояд вобаста ба аҳди арзишдошта пардохт намояд.

*Мисоли 7:*

*Ба корманди ташкилот, ки маошаш 900 сомониро ташкил медод, ба ҳисоби музди меҳнати моҳи март моли истеҳсоли худӣ дода шуд, ки арзишаш 1000 сомониро ташкил мекард. Ҳамзамон нархи бозории мол бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда 1180 сомониро ташкил мекунад. Дар ҳолати мазкур даромади корманд дар шакли музди меҳнат барои моҳи марти соли 2013 - 1180 сомониро ташкил мекунад.*

## 4. ДАРОМАДҲОИ ШАХСИ ВОҚЕӢ АЗ ФАЪОЛИЯТЕ, КИ БА МЕҲНАТИ КИРОЯ МАНСУБ НЕСТ

13. Даромадҳои фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ, даромаде, ки ба меҳнати кирояи шахси воқеи мансуб нест:

а) даромади аз фоизҳо бадастомада;

б) суди саҳмияҳо (дивидендҳо);

в) даромад аз иҷораи (кирояи) молу мулк ва (ё) афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк;

г) роялтӣ;

д) маблағи қарзе, ки уҳдадории пардохти онро қарздиҳанда гузашт кардааст;

14. Ба даромадҳои шахси воқеӣ аз фаъолияте, ки ба меҳнати кироя мансуб нест, инчунин ҳама гуна манфиате, ки аз ҷониби он гирифта шудааст ва (ё) дигар даромадҳо, ба истиснои даромад дар шакли музди меҳнат ва (ё) даромад аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ низ мансуб мебошанд.

## 5. МАНБАИ АНДОЗ

15. Манбаи андоз аз даромад- даромади умумие мебошад, ки шахсони воқеӣ – резидентҳо ва ғайрирезидентҳо гирифтаанд, барои давраи андоз ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ ва тарҳҳои пешбининамудаи Дастурамали мазкур муайян карда мешавад.

16. Шахси воқеӣ – ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолият менамояд, супорандаи андоз аз даромади андозбандишавандае мебошад, ки ба муассисаи доимӣ алоқаманд аст ва ҳамчун фарқи байни даромади умумии аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба муассисаи доимӣ ва тарҳҳои марбут ба даромади гирифташуда, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ намудааст, муайян карда мешавад.

17. Даромади умумии шахси воқеӣ - ғайрирезидент, ки дар банди 16 Дастурамали мазкур зикр нашудааст, бояд аз манбаи пардохт бе тарҳкунии хароҷот андозбандӣ карда шавад, агар ин дар боби 10 Дастурамали мазкур пешбинӣ шуда бошад.

18. Шахси воқеӣ – ғайрирезидент, ки аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фурӯш ё додани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулкие, ки ба муассисаи доимиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намебошад, даромад мегирад, нисбат ба даромади умумии чунин намуд бо тарҳи пешбининамудаи ҳамин Дастурамал ва марбут ба чунин даромад барои ҳамин давра, супорандаи андоз аз даромад ба ҳисоб меравад. Агар андози дахлдор аз фурӯш ё додани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулкии шахси воқеӣ – ғайрирезиденти зикршуда пардохт нашуда бошад, шахси ҳуқуқие, ки ғайрирезиденти зикршуда дар он дорои ҳуқуқҳои молумулкӣ мебошад (ё агенти андози вай), ки ба ғайрирезидент даромад мепардозад, ӯҳдадоранд, ки андозро бе тарҳ нигоҳ дошта пардохт намоянд.

19. Ҳангоми ситонидани андоз аз даромад аз ҷониби корфармо, тарҳ кардани хароҷоти марбут ба иҷрои кори кироя ҳамин корманд аз даромади умумии шахси воқеӣ – корманди кироя роҳ дода намешавад.

20. Барои ҳар як намуди даромадҳои шахси воқеӣ, ки нисбат ба онҳо меъёрҳои гуногуни андоз муқаррар шудаанд, манбаи андоз алоҳида муайян карда мешавад.

## 6. ТАРҲКУНИҲОИ ШАХСӢ АЗ ДАРОМАДҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

21. Аз даромади шахси воқеӣ – корманди кироя дар шакли музди меҳнат барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

*Нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблаги пулие мебошад, ки ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозоти ҷаримавӣ, инчунин барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши ҳадди ниҳои (поёнӣ ё болоӣ), кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо». Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 муқаррар шудааст, ки: «Аз 1 январи соли 2013 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки ҷиҳати ҳисобкунии андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши ҳадди ниҳоӣ (поении ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад, дар ҳаҷми 40 сомонӣ муқаррар карда мешавад».*

22. Аз даромад дар шакли музди меҳнати гурӯҳҳои зерини шахсони воқеӣ – кормандони кироя барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад:

а) қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ, қаҳрамонҳои Тоҷикистон, шахсони ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ барои муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба

ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо, ҷанговарони интернатсионалист, маъюбони гурӯҳҳои I ва II;

б) шаҳрвандони беморшуда ва мубталои бемории шуоъ, ки дар натиҷаи оқибатҳои садамаҳо дар объектҳои атомӣ рух додааст, шахсони дар рафъи оқибатҳои чунин садамаҳо дар доираи минтақаи ҷудокунӣ иштирокдошта, шахсоне, ки дар давраи бартараф намудани оқибатҳои садамаҳо дар корҳои ба истифодабарӣ ё дигар корҳо дар объектҳои атомӣ иштирок намудаанд.

23. Аз даромади шахси воқеӣ – корманди кироя яке аз маблағҳои нисбатан калонтари тарҳи шахсӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мутобиқи бандҳои 21 ва 22 Дастурамали мазкур иҷозат дода мешавад.

*<u>Мисоли 8</u>:*

*Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» дар моҳи январи соли 2013 музди меҳнати Рустамов М-ро, ки ба ҷанговарони интернатсионалист шомил мебошад, ба андозаи 2000 сомонӣ ҳисоб намуд.*

*Мутобиқи банди 21 Дастурамали мазкур Рустамов М. ҳуқуқ ба тарҳи шахсӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар моҳи январ ба андозаи 40 сомонӣ дорад ва инчунин, тибқи зербанди «а» банди 22 Дастурамали мазкур ҳуқуқ ба тарҳи шахсӣ ба андозаи 400 сомонӣ дорад (40*10).*

*Банди 23 Дастурамали мазкур, яке аз маблағҳои нисбатан калонтари тарҳи шахсиро (40<400) иҷозат медиҳад. Яъне, аз музди меҳнати Рустамов М. дар моҳи январ танҳо 400 сомониро барои тарҳкунӣ иҷозат додааст,.*

24. Дар ҳолате, ки агар шахси воқеӣ камтар аз шонздаҳ рӯзи тақвимӣ дар давоми моҳ корманди кироя бошад, пас ҳангоми муайян намудани даромади андозбандишавандаи корманд тарҳи шахсӣ мутобиқи бандҳои 21 ва 22 Дастурамали мазкур анҷом дода намешавад.

*<u>Мисоли 9</u>:*

*19 январи соли 2013 Исматов ба ҶСП «А» ба вазифаи хазинадор ба кор даромад. Дар давраи аз 20 то 31 январи соли 2013 ба Исматов ба андозаи 500 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шуд. Бинобар он ки Исматов дар моҳи январи соли 2013 аз 16 рӯзи тақвимӣ кам кор кардааст ҳуқуқи тарҳи шахсиро ба андозаи 40 сомонӣ (ё 400 сомонӣ), ки бандҳои* 21 *ва* 22 *Дастурамали мазкур пешбинӣ кардааст, гум мекунад.*

25. Тарҳи шахсӣ аз даромади андозбандишаванда мутобиқи бандҳои 21 ва 22 Дастурамали мазкур тибқи даромадҳои гирифташуда танҳо дар як ҷойи кори (асосии) корманд роҳ дода мешавад. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ корманди кироя ва соҳибкори инфиродӣ намебошад, тарҳи шахсӣ, ки бандҳои 21 ва 22 Дастурамали мазкур муқаррар намудааст, танҳо дар як маҳалли пардохти даромад, ки дар асоси аризаи пешниҳодшудаи ӯ муайян карда мешавад, роҳ дода мешавад.

26. Ҳангоми ҳисоб кардани даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ аз даромади ӯ маблағи андози иҷтимоии барои суғурташудагон, ки бо меъёри 1 фоиз нигоҳ дошта шудааст, тарҳ карда мешавад.

27. Шахсе, ки даромади шахси воқеиро пардохт менамояд, барои дуруст амалӣ намудани тарҳи шахсӣ ҷавобгар мебошад. Дар ҳолати вайрон

намудани талаботи муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур, маблағи андози бинобар нодуруст тарҳ кардан ба буҷет вориднашударо ҳамин шахс ҷуброн менамояд.

28. Додани алимент барои нигоҳубини кӯдакон, аз ҷумла аз шахсоне, ки падарии онҳо тибқи аризаи якҷояи падару модари кӯдак ё тибқи ҳалномаи судӣ бояд аз ҳисоби ҳисагии тарафҳо доир ба музди меҳнат ба андозаи 1/4, 1/3, ё 1/2 аз маблағи музди меҳнати ҷавобгар анҷом дода шавад ва он баъди нигоҳ доштани андозҳо аз музди меҳнати ҷавобгар сурат мегирад. Яъне, нигоҳдории алимент баъд аз нигоҳ доштани андозҳо сурат мегирад.

29. Бояд дар назар дошт, ки тибқи зербанди «д» банди 56 Дастурамали мазкур маблағи алименти шахсоне, ки онро мегиранд бо андоз аз даромад андозбандӣ намешавад.

## 7. МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ АЗ ДАРОМАД

30. Даромади андозбандишавандаи ҷойи кори асосии шахси воқеӣ аз рӯи меъёрҳои зерин андозбандӣ мешавад, агар дар Дастурамали мазкур тартиби дигареро муқаррар нашуда бошад:

| № | Маблағи даромади андозбандишаванда (дар як моҳ) | Маблағ ва меъёри андоз |
|---|---|---|
| 1. | На зиёда аз тарҳи шахсӣ | Даромад андозбандӣ намешавад (аз андозбандӣ озод) |
| 2. | Зиёда аз миқдори тарҳи шахсӣ то 140 сомони | 8 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз тарҳи шахсӣ |
| 3. | Зиёда аз 140 сомонӣ | Маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз 140 сомонӣ |

31. Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ, ки дар банди 30 Дастурамали мазкур пешбинӣ нагардидааст, бо меъёри 13 фоиз бе татбиқи тарҳҳои пешбининамудаи бандҳои 21 ва 22 ҳамин Дастурамал, ба истиснои тарҳи андози иҷтимоии пардохтшуда барои шахси суғурташуда, ки дар банди 26 Дастурамали мазкур пешбинӣ шудааст, андозбандӣ карда мешавад.

32. Даромад дар шакли музди меҳнати андозбандишавандаи шахси воқеӣ – ғайрирезидент бо меъёри 25 фоиз андозбандӣ карда мешавад.

33. Меъёрҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ-ғайрирезидент вобаста ба даромадҳои аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташаванда, ки дар манбаи пардохти даромад нигоҳ дошта мешавад, тибқи банди 48 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад.

*Мисоли 10*:

*Рустамов М М. (резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи шартномаи меҳнатӣ дар Ташкилоти хурди қарздиҳии «А» ба сифати иқтисодчӣ кор мекунад. Кор дар Ташкилоти хурди қарздиҳии «А» барои Рустамов М М. ҷои асосии кор мебошад. Барои моҳи январи соли 2013 ба ӯ ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст. Андозбандии даромади Рустамов М М. аз тарафи корфармо (Ташкилоти хурди қарздиҳии «А»), ки ҳамчун агенти андоз нисбати даромади вай эътироф мешавад, анҷом дода мешавад. Бинобар, он ки музди меҳнати ба Рустамов М М. ҳисобкардашуда аз 140 сомонӣ бештар аст, бо мақсади ҳисоб намудани андози даромад ду меъёр 8% ва 13% истифода бурда мешавад.*

*Тартиби ҳисобкунии андоз аз даромад чунин аст:*

*1000 * 1% = 10 сомонӣ – андози иҷтимоӣ, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад.*

*1000-10 (тарҳкунӣ доир ба андози иҷтимоии нигоҳдошташуда)=990*

*(140 – 40 тарҳи шахсӣ) *8% = 8 сомонӣ, андози даромад аз 140 сомонӣ- бо меъёри 8%.*

*990-140=850;*

*850 *13% = 110,5 сомонӣ, андоз аз даромади зиёда аз 140 сомонӣ, яъне аз 850 сомонӣ.*

*Маблағи андоз аз даромад 8+110,5=118,5 сомонӣ, ки бояд аз музди меҳнат нигоҳ дошта шавад.*

*1000 (музди меҳнати ҳисобшуда) – 10 (андози иҷтимоӣ) – 118,5 (андоз аз даромад) = 871,5 сомонӣ- музди меҳнати софи Рустамов М М. бидуни андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ.*

*<u>Мисоли 11</u>:*

*Рустамов М. (резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи шартномаи меҳнатӣ дар Ташкилоти хурди қарздиҳии «А» ба сифати иқтисодчӣ кор мекунад. Кор дар Ташкилоти хурди қарздиҳии «А» барои Рустамов М. ҷои асосии кор намебошад. Барои моҳи январи соли 2013 ба ӯ ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст. Андозбандии даромади Рустамов М. аз тарафи корфармо (Ташкилоти хурди қарздиҳии «А»), ки ҳамчун агенти андоз нисбати даромади вай эътироф мешавад, анҷом дода мешавад.*

*Корформое, ки корфармои асосии андозсупоранда намебошад ӯҳдадораст андози даромадро аз музди меҳнат бо меъёри 13% бе татбиқи тарҳҳои пешбининамудаи бандҳои 21 ва 22 ҳамин Дастурамал, ба ғайр аз тарҳи андози иҷтимоӣ нигоҳ дорад.*

*Тартиби ҳисобкунии андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ чунин аст:*

*1000 * 1% = 10 сомонӣ – андози иҷтимоӣ, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад.*

*(1000-10) *13%=128,7 сомонӣ, андоз аз даромад, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад.*

*1000-10-128,7=861,3 сомонӣ – музди меҳнати соф, бидуни андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ.*

*<u>Мисоли 12</u>:*

*Шаҳрванди Штатҳои Муттаҳидаи Америка Брукс (ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар Ташкилоти хурди қарздиҳии «А» ба сифати маслиҳатчии Директор кор мекунад. Барои моҳи январи соли 2013 ба ӯ ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст.*

*Тартиби ҳисобкунии андоз аз даромад чунин аст:*

*1000 * 25% = 250 сомонӣ – андоз аз даромад, ки аз музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад.*

## 8. ТАРТИБИ СИТОНИДАНИ АНДОЗ ДАР МАНБАИ ПАРДОХТ

34. Шахсони (агентҳои андози) зерин вазифадоранд, ки андозро аз манбаъҳои пардохт ситонанд:

а) шахсони ҳуқуқӣ, инчунин воҳидҳои алоҳидаи онҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо, ки ба шахсони воқеии кироякори худ дар шакли музди меҳнат даромад медиҳанд;

б) шахсони ҳуқуқӣ, инчунин воҳидҳои алоҳидаи онҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо, ки барои иҷрои кор хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеие, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта нашудаанд, дар асоси шартномаҳои хусусияти граждании ҳуқуқидошта ё бе чунин шартномаҳо, ба истисноӣ шартномаҳои граждании ҳуқуқие, ки мавзӯи онҳо гузаштани ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқҳои дигари ашёӣ (ҳуқуқҳои молумулкӣ) мебошад, барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) даромад пардохт менамоянд;

*<u>Мисоли 13</u>:*

*Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» бо шахси воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад шартномаи хизматрасонӣ баст, ки маблағи он аз тарҷума намудани ҳуҷҷатҳо аз забони англисӣ ба забони давлатӣ мебошад. Арзиши хизмат дар шартнома 10 сомонӣ барои тарҷумаи ҳар як варақ нишон дода шудааст. Тибқи санади доду гирифти хизмат ҳаҷми хизматҳои расонидашуда 800 сомониро ташкил намуд. Дар ин мисол, мутобиқи моддаи 9 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматрасонии шахси воқеӣ дар доираи шартномаи граждании ҳуқуқӣ, ҳамчун кори кироя баррасӣ мегардад, фармоишгари хизмат нисбат ба муносибати шахси воқеӣ ҳамчун корфармо эътироф мешавад, шахси воқеии хизматрасон ҳамчун коргар эътироф мешавад, арзиши хизматрасонӣ бошад ҳамчун музди меҳнат эътироф мешавад. Бинобар ин, андозбандии даромади шахси воқеӣ тибқи шартномаи мазкур ба андозбандии коргарони кироя, ки аз ҷои кори асосинабуда даромад мегиранд мутобиқ мебошад.*

*Тартиби ҳисобкунии андоз аз даромад чунин аст:*

*800 * 1% = 8 сомонӣ – андози иҷтимоие, ки аз подошпулии пардохташаванда нигоҳ дошта мешавад (музди меҳнат).*

*800 –8 (тарҳкунӣ доир ба андози иҷтимоии нигоҳдошташуда)=792*

*792 *13% = 104 сомонӣ, андоз аз даромад.*

*800 (маблағи подошпулӣ) – 8 (андози иҷтимоӣ) – 104 (андоз аз даромад) = 688 сомонӣ – маблағи пардохтшаванда.*

*Агар шахси воқеии дар доираи шартномаи граждании ҳуқуқӣ хизмат расонанда ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда бошад, дар ин ҳолат ҳангоми пардохти даромад ӯҳдадори оид ба нигоҳ доштани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ дар манбаи андоз пайдо намешавад.*

*Ҳамзамон, манбаи пардохт (шахси даромад пардохткунанда) ӯҳдадор аст нусхаҳои ҳамаи ҳуҷҷатҳои (нусхаи шаҳодатнома (патент, ба ғайр аз шахсони ҳуқуқӣ) ҳуҷҷатҳои бонкии тасдиққунандаи пардохти маблаги патент дар давраи хизматрасонӣ ва ғайра)тасдиққунандаро доир ба он ки шахси хизматрасонанда ба таври расмӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар қайд истодааст, дошта бошад.*

*<u>Мисоли 14:</u>*

*Шахси воқеии резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамов М., ки соҳибкори инфиродӣ намебошад хонаи истиқоматии ба ӯ ҳуқуқи шахсӣ доштаро ба Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Авесто» ба иҷора медиҳад. Мутобиқи шартномаи иҷора (шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ) пардохти ҳармоҳаи иҷоравӣ 1000 сомониро барои як моҳ ташкил мекунад.*

*Дар мисоли мазкур даромади Рустамов М.ро тибқи зебанди «в» банди 13 Дастурамали мазкур ҳамчун даромад дар шакли музди меҳнат баҳо додан рост намеояд ва мувофиқи моҳияти банди 31 Дастурамали мазкур бояд дар манбаи пардохт бо андоз аз даромад тибқи меъёри 13 фоиз андозбандӣ карда шавад.*

*1000*13%=130 сомонӣ.*

*1000-130 = 870 сомонӣ, даромади софи Рустамов М., ки бо андоз аз даромад андозбандӣ шудааст.*

*Бинобар он ки пардохтҳои иҷоравӣ мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 213 Кодекси андоз объекти андозбандии андози иҷтимоӣ намебошанд, тарҳкунии андози иҷтимоӣ 1 %, ки тибқи бандҳои 26 ва 31 ва Дастурамали мазкур пешбинӣ шудаанд, анҷом дода намешаванд.*

в) шахсони ҳуқуқӣ, инчунин воҳидҳои алоҳидаи онҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо, ки ба шахсони воқеӣ нафақа, стипендия ва кӯмакпулӣ медиҳанд, ба истиснои нафақа, стипендия ва кӯмакпулиҳои давлатӣ;

г) резидентҳое, ки суди саҳмияҳо ва фоизҳоро пардохт менамоянд;

д) шахсони ҳуқуқӣ - резидентҳое, ки қисми саҳмияи (ҳиссаи иштироки) ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқдоштаашон фурӯхта (бегона карда) шудааст, инчунин агентҳои ваколатдори ғайрирезидентҳо, ки молу мулки (саҳмияҳои, ҳиссаи иштироки) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуддоштаи чунин ғайрирезидентҳоро фурӯхтаанд (бегона кардаанд) ё додаанд, агар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти андоз аз ҷониби худи ғайрирезидентҳо пас аз фурӯш (бегонакуни) ё додани молу мулки зикршуда пешниҳод нашуда бошанд;

е) шахсоне, ки пардохтҳои дар боби 10 Даструамали мазкур пешбинишударо анҷом медиҳанд (ситонидани андоз аз даромади ғайрирезидентҳо дар манбаи пардохт);

ё) шахсоне, ки бурдҳоро оид ба вомбаргҳо, лотереяҳо, оид ба натиҷаҳои озмунҳо, мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳо мукофотҳо (бурдҳо, тӯҳфаҳо) медиҳанд.

35. Шахсоне, ки мутобиқи банди 34 Дастурамали мазкур андозро аз манбаи пардохт меситонанд (ҳисоб мекунанд), аз ҷумла шахсоне, ки барои пардохти музди меҳнат аз ташкилотҳои қарзӣ маблағ мегиранд, вазифадоранд:

а) андозҳои ситонидашударо (ҳисобшударо), аз ҷумла андози иҷтимоиро ба буҷет ҳамзамон бо гирифтани маблағҳо барои пардохти даромад дар шакли музди меҳнат, дар дигар ҳолатҳо – дар давоми 5 рӯзи корӣ баъди ба охир расидани моҳе, ки дар он пардохтҳо (маблағҳо) супорида шуда буданд, гузаронанд;

б) ҳангоми пардохти даромад дар шакли музди меҳнат, бо дархости шахсони воқеие, ки даромад мегиранд, дар давоми 5 рӯзи корӣ ба онҳо, бо зикри насаб, ном ва номи падар, рақами мушаххаси андозсупоранда, маблағ ва намуди даромад ва андозҳои ситонидашуда (агар андоз нигоҳ дошта шавад) маълумотнома диҳанд;

в) бо дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи банди 34 Дастурамали мазкур даромад мегиранд (гирифтаанд), ба онҳо дар давоми 5 рӯзи корӣ бо зикри рақами мушаххаси андозсупоранда, номи (насаб, ном ва номи падари) шахс, маблағи умумии даромад ва маблағи умумии андози дар соли ҳисоботӣ ситонидашуда маълумотнома фиристонанд (пешниҳод кунанд).

36. Ба ташкилотҳои қарзӣ додани маблағҳои пули накд барои пардохти даромад дар шакли музди меҳнат бе пешакӣ ба буҷет аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз) гузарондани маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоие, ки ба маблағи воситаҳои пули накди дар боло пешбинигардида алоқаманд аст, манъ аст.

37. Даромадҳо дар шакли музди меҳнат, суди саҳмияҳо (дивидендҳо), фоизҳо, бурдҳо, роялти ва дигар даромадҳое, ки шахси воқеӣ гирифтааст ва қаблан аз манбаи пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Дастурамали мазкур андозбандӣ шудаанд, бояд аз даромади андозбандишавандаи он, ки дар давраи андозбандӣ гирифта шудааст, хориҷ карда шаванд.

38. Нигоҳ доштани андоз аз даромад ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ аз даромадҳои аз буҷет маблағгузоришавандаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои дипломатӣ, консулӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо баробаркардашуда ба ҳайси намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият менамоянд, ба таври марказонидашуда бо тартибе, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ муайян кардаанд, анҷом дода мешаванд.

## 9. ШАХСОНИ ВОҚЕӢ – РЕЗИДЕНТҲО ВА ҒАЙРИРЕЗИДЕНТҲО

39. Шахси воқеие, ки дар давоми ҳар давраи 12-моҳаи пай дар пай гузаранда, ки дар ҳамин соли тақвимии ҷорӣ ба охир мерасад, дар ҳақиқат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 182 рӯз қарор дошта бошад, аз рӯзи 183-юм барои соли ҷории тақвимӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -резидент) ба ҳисоб меравад. Агар чунин шахси воқеӣ дар соли

гузаштаи тақвимӣ резидент ба ҳисоб рафта бошад, пас он аз 1 январи соли ҷорӣ низ резидент ба ҳисоб меравад.

*Мисоли 15:*

*Шаҳрванди Штатҳои Муттаҳидаи Амрико Джон Брукс дар давраи аз 1 сентябри соли 2012 то 2 марти соли 2013 (183 рӯзи тақвимӣ) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати директори Филиали ширкати хориҷӣ қарор дошт. Давраи аз 1 сентябри соли 2012 то 1 марти соли 2013 (182 рӯзи тақвимӣ) барои Джон Брукс бо мақсади андозбандӣ ҳамчун ғайрирезидент эътироф мешавад. Аз 2 марти соли 2013 то 31 декабри соли 2013 Джон Брукс барои мақсади андозбандӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешавад.*

*Мисоли 16:*

*Шаҳрванди Великобритания Джеймс Смит дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати директории ҶСП «А» давраи зирин қарор дошт:*

*аз 5 январи 2013 то 16 майи 2013 (131 рӯзи тақвимӣ);*

*аз 5 июли 2013 то 31 июли 2013 (26 рӯзи тақвимӣ);*

*аз 10 сентябри 2013 то 31 декабри 2013 (112 рӯзи тақвимӣ);*

*Барои муайян намудани лаҳзаи эътироф гардидани Джеймс Смит, ҳамчун резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи рӯзҳои дар давраи 12-моҳаеро, ки ӯ дар асл дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, муайян кардан зарур аст.*

*131+26=157 – рӯзҳои дар ҳақиқат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштаи Джеймс Смит дар давраи аз 5 январи 2013 то 31 июли соли 2013.*

*182-157=25– рӯзҳои тақвимии иловагӣ қарордоштаи Д.Смит аз 10 сентябри соли 2013, ки аз он резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, яъне аз 10 сентябр+25 рӯзи тақвимӣ = 5 октябр.*

*Аз ин рӯ, Д.Смит аз 6 октябри соли 2013 бо мақсади андозбандӣ ҳамчун резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.*

40. Шахси воқеие, ки дар давоми ҳамин соли тақвимии ҷорӣ дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ҳамин соли тақвимии ҷорӣ, новобаста ба давомнокии чунин хизмат, резидент ба ҳисоб меравад.

*Қобили қайд аст, ки мутобиқи чунин шарт, хусусан ҳолати шахси воқеиро ҳамчун хизматчии давлатӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта муайян мекунад, ки шахсони берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хизмати давлатибуда, новобаста ба он ки чунин шахс дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ё не, дар давоми дилхоҳ давраи соли тақвимӣ, ки нисбати он резидентӣ муайян карда мешавад, резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.*

*Чунин шахс бо мақсади андозбандӣ, ҳумчун резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ҳатто агар вай дар давоми соли тақвимӣ ягон рӯз дар қаламравӣ кишвар қарор надошта бошаду вале дар баробари ин ҳамчун дар хизмати давлатӣ берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ҳисоб ёбад.*

*Ҳар як рӯзи дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз қаламрави кишвар қарор доштани шахси воқеӣ, ҳамчун дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ба ҳисоб меравад.*

41. Шахсони воқеие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, шахсони воқеие, ки барои қабул шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе қабули шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза додаанд, сарфи назар аз мӯҳлати дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буданашон ва дигар омилҳои муайяннамудаи ҳамин боб, ҳамчун шахсони воқеӣ-резидентон эътироф мешаванд, аз ҷумла:

а) аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ба сафари хизматӣ фиристодашуда, аз ҷумла кормандони дипломатию консулӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалӣ ё байниҳукуматӣ, инчунин аъзои оилаи шахсони воқеии зикргардида;

б) аъзои экипажҳои воситаҳои нақлиётии ба шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқдошта, ки ҳамлу нақли байналмилалиро анҷом медиҳанд;

в) хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии пойгоҳҳои ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ, гурӯҳҳо, қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбие, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд;

г) шахсоне, ки дар объектҳои воқеъ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё резидентҳо ё субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (аз ҷумла дар асоси шартномаҳои консессионӣ), кор мекунанд;

д) хонандагон, донишҷӯён, коромӯзон ва таҷрибаомӯзон, ки бо мақсади таҳсил ва коромӯзӣ дар давоми тамоми мӯҳлати таълим ва коромӯзӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

е) муаллимон ва кормандони илмӣ, ки бо мақсади таълимдиҳӣ, машварат ё иҷрои корҳои илмӣ дар давоми тамоми мӯҳлати таълим ё иҷрои корҳои номбаршуда берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

42. Барои мақсадҳои банди 39 Дастурамали мазкур вақте, ки дар давоми он шахси воқеии хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, вақти воқеии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштан ба ҳисоб намеравад, агар чунин шахс:

а) ба сифати шахси дорои мақоми дипломатӣ ё консулӣ (ё узви оилаи чунин шахс) қарор дошта бошад;

б) ба сифати корманди ташкилоти байналмилалӣ ё ба сифати шахсе, ки дар хизмати давлатии кишвари хориҷӣ кор мекунад (ё аъзои оилаи чунин шахс) қарор дошта бошад;

в) танҳо барои гузаштан аз як давлати хориҷӣ ба давлати хориҷии дигар тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад.

*Банди мазкур ҳолати махсуси мутақобилаи муқаррароти банди 40 Дастурамали мазкурро аслан тасвир медиҳад. Яъне, ҳолати буду боши шахси хориҷӣ ба сифати хизматчии давлатии дипломатии кишвари хориҷӣ ё*

*хизматчии ташкилоти байналмилалӣ, инчунин ҳолати гузаштан аз як давлати хориҷӣ ба давлати хориҷии дигар тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ менамояд, ки новобаста ба мӯҳлати давомнокӣ, дар ҳақиқат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанро дар бар намегирад. Яъне чунин шахсон, ҳатто агар онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 182 рӯзи тақвимӣ қарор дошта бошанд ҳам, ҳамчун резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда наметавонанд (яъне, ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд) Чунин шахсон ба мақсадҳои андозбанди ҳамчун ғайрирезидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд.*

43. Ҳар рӯзе, ки дар давоми он шахси воқеӣ ҳақиқатан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, сарфи назар аз давомнокии қарор доштанаш, рӯзи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштан ҳисобида мешавад.

44. Шахси воқеие, ки тибқи ҳамин боби Дастурамали мазкур резидент намебошад, ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

45. Шахси воқеӣ дар давраи аз рӯзи охирини ҳамин соли тақвимӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буданаш то охири ҳамин соли тақвимӣ ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -ғайрирезидент) ба ҳисоб меравад, агар чунин шахс бевосита дар соли минбаъдаи тақвимӣ ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

46. Мақоми резидент ва ғайрирезидент нисбат ба шахси воқеӣ барои ҳар соли тақвимӣ муайян карда мешавад.

47. Шахси воқеие, ки ғайрирезидент эътироф мешавад, ӯҳдадор аст, ки ба агенти андоз ё мақомоти андози маҳалли будубош (истиқомат) на дертар аз рӯзи гирифтани даромад ё лаҳзаи пешниҳод кардани ҳисоботи андоз ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

а) ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентӣ ё шахси бешаҳрванд дар давлати хориҷӣ будани ин шахс (дар сурати мавҷуд будани созишнома оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати шаҳрвандии ғайрирезидент, агар ӯ нияти истифода бурдани муқаррароти созишномаи мазкурро дошта бошад);

б) тарҷумаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият (шиноснома) ба забони давлатӣ.

## 10. СИТОНИДАНИ АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ҒАЙРИРЕЗИДЕНТҲО ДАР МАНБАИ ПАРДОХТ

48. Даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муассисаи доимии ҳамин ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут намебошад, аз манбаи пардохт ҳамчун даромади умумӣ, бе тарҳи хароҷот (ба истиснои тарҳи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолати андозбандӣ мутобиқи моддаи 177 Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд тибқи меъёрҳои зерин андозбандӣ гардад:

а) суди саҳмияҳо – 12%;

б) фоизҳо – 12%;

в) саҳмҳои суғуртавие, ки мутобиқи шартномаҳои суғурта ва азнавсуғуртакунии таваккалҳо аз тарафи резидент пардохт мешаванд – 6%;

г) маблағҳое, ки барои хизматрасонии телекоммуникатсионӣ ё нақлиётӣ ҳангоми алоқа ё ҳамлу нақли байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо аз тарафи резидент пардохт мешаванд - 5%;

д) маблағҳо барои фрахти баҳрӣ – бо меъёри 6% ;

е) даромадҳо дар шакли музди меҳнат - 25%;

ё) даромадҳои дигар – 15%.

48[1]. Инчунин, андозбандии даромадҳои ғайрирезидент аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Дастурамали мазкур ба муассисаи доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошад, агар сари вақт анҷом наёфта ва нисбати чунин даромадҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти андоз пешниҳод нашуда бошад, дар манбаи пардохт амалӣ карда мешавад.

49. Таҳти мафҳуми пардохти даромад супоридани пул дар шакли нақдӣ ва (ё) ғайринақдӣ, коғазҳои қиматнок, молҳо, дигар молу мулк, додани манфиат, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо фаҳмида мешаванд.

50. Пардохтҳо ба манфиати ғайрирезидентҳо, вобаста ба таҳвили молҳо ҳангоми амалиёти тиҷорати хориҷӣ (вобаста ба воридоти молҳо) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манбаи пардохт бояд андозбандӣ нагарданд.

51. Андозбандии даромадҳои ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, сарфи назар аз ихтиёрдории ин ғайрирезидент нисбат ба даромадҳои худ ба манфиати шахсони сеюм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) воҳидҳои алоҳидаи худ (шахсони дигар) дар дигар давлатҳо, дар манбаи пардохт анҷом дода мешавад.

52. Андоз аз даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба шакл ва маҳалли пардохти даромад ситонида мешавад.

53. Барои мақсадҳои ҳамин боб маблағҳои пардохтшудаи муассисаи доимии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз номи чунин муассиса пардохтшуда ҳамчун маблағҳои супоридаи корхонаи резидентӣ баррасӣ мегарданд.

54. Ташкилотҳое, ки новобаста ба маҳалли пардохт ба ғайрирезидентҳои дар татбиқи созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) бе таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироккунанда даромад пардохт менамоянд, ӯҳдадоранд ба сифати агентҳои андоз аз манбаи пардохт андозро нигоҳ доранд ва ба буҷет пардохт намоянд. Дар ҳолати риоя накардани талаботи мазкур, андоз аз ҳисоби ташкилотҳои зикршуда ситонида мешавад.

*<u>Мисоли 17:</u>*

*Сармояи оинномавии ҶДММ «А» аз ҳиссаҳои зерин иборат мебошад:*

- *Д.Брукс шахси воқеии ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 70%;*
- *Рустамов М шахси воқеии резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 30%.*

*Бо ҷамбасти соли 2012 ҶДММ «А» фоида гирифт. Маҷлиси умумии саҳмдорон 20 марти соли 2013 қарор қабул кард, ки байни саҳмдорон қисми*

*фоидаи соли 2012-ро ба андозаи 100 000 сомонӣ тақсим кунад. Даромад (саҳмия) 15 апрели соли 2013 пардохта шуд.*

*Андоз аз суди саҳмияи пардохташаванда ба Д. Брукс-ғайрирезиденти Тоҷикистон бо тартиби зерин нигоҳ дошта мешавад:*

*100 000 сомонӣ х 70% = 70 000 сомонӣ – маблағи суди саҳмияи ба ғайрирезиденти шахси воқеӣ ҳисобшуда;*

*70 000 сомонӣ х 12% = 8 400 сомонӣ – маблағи андоз аз суди саҳмия;*

*70 000 сомонӣ – 8400 сомонӣ = 61 600 сомониӣи – маблағи аслии суди саҳмияи ба ғайрирезидент ба сифати суди саҳмия пардохташаванда.*

*Андоз аз суди саҳмияи пардохташаванда ба Рустамов М-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби зерин нигоҳ дошта мешавад:*

*100 000 сомонӣ х 30% = 30 000 сомонӣ - маблағи суди саҳмияи ҳисобшуда;*

*30 000 сомонӣ х 12% = 3600 сомонӣ - маблағи андоз аз суди саҳмия;*

*30 000 сомонӣ – 3600 сомонӣ = 26 400 сомонӣ – маблағи аслии суди саҳмияи аз тарафи ҶДММ «А» ба Рустамов М ба сифати суди саҳмия пардохташаванда.*

*Суди саҳмияҳои тибқи зербанди «а» банди 48 Дастурамали мазкур андозбандишуда ба даромади умумии шахси гирандаи он дохил карда намешавад ва минбаъд андозбандӣ намегардад*

*Бо талаби ғайрирезиденте, ки фаъолиятаиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, мақомоти андоз аз рӯи шакл ва бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба маблағҳои даромадҳои аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшуда ва андозҳои дар давраи андозбандӣ ситонидашуда маълумотнома пешниҳод менамоянд*

*<u>Мисоли 18:</u>*

*Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Б» тибқи шартномаи қарзӣ аз шахси воқеӣ резидент ё ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон 100 000 сомонӣ бо меъёри 15% солона ба мӯҳлати 1 сол қарз гирифт. Бо гузаштани мӯҳлати қарз Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Б» ӯҳдадор аст ба шахси воқеӣ резидент ё ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи қарзро 100 000 сомонӣ ва фоизҳои ба он ҳисобшударо ба андозаи 15 000 сомонӣ баргардонад.*

*Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Б» ҳамчун агенти андоз баромад намуда, ӯҳдадор аст аз маблағи фоизҳои пардохташаванда дар лаҳзаи пардохти даромад бо меъёри 12% андозро нигоҳ дорад ва қисми боқимондаро ба резидент ё ғайрирезидент пардохт намояд.*

| | |
|---|---|
| *Маблағи қарз* | *100 000 сомонӣ* |
| *Фоизҳо* | *15.000 сомонӣ* |
| *Андоз аз даромади резидент ё ғайрирезидент* | *15 000 *12% =1 800 сомонӣ* |
| *Барои пардохт ба резидент ё ғайрирезидент* | *15 000-1 800 =13 200 сомонӣ* |

*Фоизҳои тибқи* зербанди «б» банди 48 *Дастурамали мазкур андозбандишуда ба даромади умумии шахси гирандаи он дохил карда намешавад ва минбаъд андозбандӣ намегардад*

55. Принсипҳои асосии андозбандии ғайрирезидентоне, ки аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи боби 10 Дастурамали мазкур даромад мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

а) даромади ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мешавад, ба шарте, ки даромад тибқи муқаррароти банди 24 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда бошад;

б) нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт (новобаста аз маҳал ва шакли ҳисоббаробаркунӣ) пешбинӣ шуда бошад;

в) меъёрҳо ва тартиби андозбандӣ, бо назардошти миқдор ва қоидаҳои дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинишуда дар бораи пешгирии андозбандии дукарата бо давлатҳои хориҷӣ татбиқ карда мешавад (агар ғайрирезидент нияти истифода бурдани муқаррароти санадҳои ҳуқуқии мазкурро бо тамоми шартҳои пешбининамудаи Кодекси андоз бо мақсади татбиқи чунин санадҳо, дошта бошад).

*Мисоли 19*:

*Дар доираи шартномаи гражданӣ-ҳуқуқии басташуда, ва бахусус доир ба шарномаи хизматрасонӣ шахси воқеӣ (ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои Ташкилоти карздиҳии хурди «А», ки резиденти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, хизматрасонии таълимиро (гузаронидани машқҳо) анҷом медиҳад. Машқҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешаванд. Барои хизматҳои расонидашуда Ташкилоти қарздиҳии хурди «А» ӯҳдадор мешавад ба шахси воқеии ғайрирезидент ба андозаи 10 000 сомонӣ ҳаққӣ таълиф пардохт намояд. Қадами аввал бояд муайян намуд, ки оё амалиёти мазкур бо андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти моддаи 177 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мешавад?.*

*Мутобиқи банди 3 қисми 1 моддаи 176 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии таълимӣ дар қаламрави ҳамон давлате расонидашуда ҳисоб меёбанд, ки дар асл дар ҳамон маҳал анҷом дода шуда бошанд. Бинобар он ки дар асл хизматрасониҳо таълимии (машқҳои) шахси воқеии ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешаванд, аз ин рӯ бо мақсади нигоҳ доштани андоз аз арзиши иловашуда хизматрасонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад.*

*Бинобар ин, тибқи амалиёти мазкур моро зарур аст андоз аз арзиши иловашударо мутобиқи моддаи 177 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дорем.*

*10 000 *18/118 =1525 –маблағи андоз аз арзиши иловашуда барои нигоҳ доштан.*

*Қадами дуюм, муайян намудан зарур аст, ки оё чунин даромади шахси воқеии ғайрирезидент аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда мансуб мебошанд? Барои ин ба банди 24 моддаи 17 Кодекси андози ҶТ, ки кадом*

*даромадҳо ба даромадҳои аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташударо муайян мекунад, назар кардан зарур аст. Чунин намуди даромад мутобиқи зербанди «р)» банди 24) моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун даромади аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда баррасӣ мегардад, меъёри андоз мутобиқи бандҳои 32 ва 48 Дастурамали мазкур ба андозаи 25% муқаррар шудааст.*

*Ҳисоби андози нигоҳдошташаванда аз даромади ғайрирезидент:*

*(10 000-1525)*25%=2119 –маблағи андози нигоҳдошташаванда аз даромади ғайрирезидент*

*Ҳисоби хотимавӣ, 10 000 – 1525-2119 = 6356 – маблағи софе, ки баъд аз нигоҳ доштани андозҳо ба ғайрирезидент барои хизматҳои расонидашуда пардохтан зарур аст.*

## 11. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

56. Аз намудҳои зерини даромадҳои шахсони воқеӣ тибқи моддаи 104 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз даромад гирифта намешавад:

а) даромади шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, аз фаъолияти расмии дипломатӣ (консулӣ) ва фаъолияти ба он баробаркардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирифта шудааст;

б) арзиши молу мулк дар шаклҳои аслӣ (натуралӣ) ва (ё) пулӣ, ки аз шахсони воқеӣ ҳамчун мерос ё тӯҳфа гирифта шудаанд, ба истиснои даромадҳое, ки аз ҳисоби ин молу мулк гирифта шудаанд, аз ҷумла маблағҳое, ки ба ворисони (ворисони ҳуқуқии) муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин барои кашшофӣ, ихтироъкорӣ ва намунаҳои саноатӣ пардохт мешаванд;

в) арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, ки агар;

- арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, ки аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест.
- арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар намоишҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда, ки аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест;
- арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ гирифташуда, ки аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест.

г) нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ стипендияҳои давлатӣ, ёрдампулиҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ;

д) алиментҳо аз шахсоне, ки онро мегиранд, маблағҳое, ки барои супоридани хун, шири модарӣ ва дигар кӯмакҳои ба донорҳо додашаванда;

е) пардохтҳои якдафъаина ва кӯмаки моддӣ аз ҳисоби буҷет, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд, маблағҳои аз ҷониби корфармо ба шахси воқеӣ - резидент пардохтшавандаи хароҷоти сафарҳои хизматӣ аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда, маблағи ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматии аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ - ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои ин шахсони

дар боло номбаршуда, инчунин кӯмаки башардӯстона (гуманитарӣ) ва кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ;

ё) афзоиши арзишҳои зерин, ҳангоми фурӯш ё дигар шакли бегона кардан:

-биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки на кам аз 3 сол ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;

-дигар объектҳои ғайриманқул (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки на кам аз 2 сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд.

ж) афзоиши арзиш аз фурӯш ё дигар шакли бегона кардани молу мулки манқул, ба истиснои:

-молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад;

-фурӯши воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва на камтар аз як сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;

- фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;" илова карда шавад;

-моликияти қиматноки таърихӣ (антиквариат).

з) маблағи ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

и) пардохтҳои суғуртавие, ки тибқи шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда дар доираи маблағҳои аз ҷониби шахси воқеӣ ба ҳисоби чунин шартномаҳо пардохтшуда ва пардохтҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи фавти шахси суғурташуда гирифта шудаанд;

к) маблағҳои маош, подошпулиҳо ва дигар маблағҳои пардохтшуда вобаста ба адои хизмат (иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ) ба хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, мақомоти давлатии амнияти миллӣ, оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъовар, Гвардияи миллӣ, системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

л) бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 50 сомонӣ ба як вомбарг ё лотерея;

м) кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ, ёрдампулӣ ва ҷубронпулиҳо, ба истиснои пардохтҳо вобаста ба музди меҳнат, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ тибқи ҳаҷм ва тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд;

н) ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё дигар намуди зарари ба саломатии корманд вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатиаш ё хизматиаш расонидашуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

о) арзиши либоси махсус ва (ё) либоси расмӣ ва пойафзол, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва кӯмаки аввалияи тиббӣ, собун, воситаҳои безараркунанда, шир ё дигар маҳсулоти истеъмолии ба онҳо баробари барои истеъмоли табобатию профилактикӣ додашуда тибқи меъёрҳо ва вобаста ба соҳаҳои фаъолият, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд;

п) пардохтҳои суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмии масъулияти корфармо (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) барои расонидани (ҳангоми расонидани) зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ);

р) Маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар карда шудааст.

57. Аз андози даромад даромадҳои вобаста ба фаъолияти кишоварзӣ бадастовардаи аъзои хоҷагии деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, ки супорандаи андози ягона мебошад, озод карда мешавад.

## 12. ДАВРАИ АНДОЗ

58. Давраи андоз аз даромад барои даромадҳои дар шакли музди меҳнати аз ҷониби шахсони воқеӣ гирифташуда, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт ситонида шудааст, моҳи тақвимӣ мебошад, агар тартиби дигар дар Дастурамали мазкур пешбинӣ нагардида бошад.

59. Агар тибқи Дастурамали мазкур мӯҳлатҳои дигар пешбинӣ нашуда бошад, давраи андоз аз даромад барои даромадҳои шахсони воқеие, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида намешавад, соли тақвимӣ мебошад.

## 13. МӮҲЛАТИ ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ ВА ПАРДОХТИ АНДОЗ

60. Эъломияи ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз даромадҳои дар шакли музди меҳнати шахсони воқеӣ, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт ситонида мешавад, аз ҷумла аз ҷониби воҳиди алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, то санаи 15-уми моҳе пешниҳод карда мешавад, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад. (Замимаи 1).

61. Эъломияи ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз даромадҳои шахсони воқеӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои дипломатӣ, консулии давлатҳои хориҷӣ ва ба онҳо баробаркардашудаи намояндагиҳои ташкилотҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, то санаи 15-уми моҳи баъди семоҳаи ҳисоботӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо пешниҳод ва андозҳо пардохт карда мешаванд. Дар сурати аз ҷониби ташкилотҳои қайдшуда пешниҳод нагардидани эъломияи ягона, эъломия дар ҳамон мӯҳлат аз тарафи шахсони воқеӣ-кормандони ин муассисаҳо (ташкилотҳо) пешниҳод ва андозҳо пардохт карда мешаванд. Иттилоот дар бораи шахсони воқеии дар боло пешбинишуда ба мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳе пешниҳод карда мешавад, ки баъди семоҳаи гузашта фаро мерасад.

62. Ҳисоби ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз даромадҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият менамоянд, ҳар семоҳа аз ҷониби Вазорати

молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 15-уми моҳе пешниҳод карда мешавад, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад ва дар ҳамин мӯҳлат андозҳо ситонида мешаванд.

63. Эъломия оид ба андоз аз даромад аз даромадҳои дигар шахсони воқеие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ аз ҷониби андозсупорандагони зерин пешниҳод ва маблағи андоз пардохта мешавад:

а) шахсони воқеӣ – резидентҳои дорои даромад, ки дар манбаи пардохти воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ намешаванд, ба истиснои шахсоне, ки андозҳоро мутобиқи фасли 16 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт менамоянд (шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд);

*<u>Мисоли 20:</u>*

*Шахси воқеъӣ Рустамов М. хонаи истиқоматии ба ӯ ҳуқуқи шахсӣ доштаро ба шахси воқеии дигар - Эшматов Э. ба иҷора медиҳад. Ҳардуи ин шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соҳибкори инфиродӣ намебошад. Мутобиқи шартномаи иҷора (шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ) пардохти ҳармоҳаи иҷоравӣ 1000 сомониро барои як моҳ ташкил мекунад.*

*Дар мисоли мазкур даромади Рустамов М. тибқи зербанди «в» банди 13 Дастурамали мазкур, ҳамчун даромад дар шакли музди баррасӣ намегардад. Чунки дар ин мисоли иҷорагир Эшматов Э. мувофиқи банди 31 Дастурамали мазкур ҳамчун агенти андоз эътироф намешавад ва ӯ ӯҳдадор нест, ки аз маблаги ба Рустамов М. пардохташаванда андоз аз даромад нигоҳ дорад.*

*1000*13%=130 сомонӣ.*

*1000-130 = 870 сомонӣ, даромади софи Рустамов М., ки бо андоз аз даромад андозбандӣ шудааст.*

*Рустамов М. тибқи зербанди «а» банди 63 Дастурамали мазкур ӯҳдадор аст мустақилона то 1 апрели соли минбаъдаи баъди соли ҳисоботӣ даромадҳои худро декларатсия кунонад ва аз он андоз аз даромад супорад.*

б) шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки дар суратҳисобҳояшон дар бонкҳои хориҷии воқеъ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ доранд, инчунин онҳое, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд;

в) шахсони воқеие, ки тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вазифаи пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкӣ гузошта шудааст.Тартиб мӯҳлатҳои пешниҳод, инчунин шакли эъломияро, ки ин шахсон пешнимекунанд, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 № 289 муқаррар шудааст;

г) дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – ғайрирезидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромаде мегиранд, ки бояд андозбандӣ карда шавад, аммо дар манбаи пардохт андозбандӣ намешавад.

64. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ҳар нимсолаи тақвимӣ то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз нимсолаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашон нисбат ба аъзои ин

хоҷагиҳо дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат маблағи андозҳоро пардохт менамоянд.

65. Шахси воқеие, ки аз вай пешниҳод кардани эъломияи андоз талаб карда намешавад, метавонад бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бо талаби аз нав ҳисоб кардани андоз ва баргардонидани маблағи барзиёд супоридааш эъломия пешниҳод кунад.

## 14. МАҲАЛЛИ ПАРДОХТИ АНДОЗ

66. Агентҳои андоз, ки дар банди 34 Дастурамали мазкур қайд гардидаанд андоз аз даромади нигоҳдоштаро дар маҳалли баҳисобгирии агенти андоз пардохт менамоянд.

67. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистони дар банди 61 Дастурамали мазкур нишондодашудае, ки андози даромадро мустақилона пардохт менамоянд, ӯҳдадоранд аз даромади худ мустақилона андоз аз даромадро дар маҳалли зисти худ дар мӯҳлатҳои барои пешниҳоди эъломия муқарраршуда пардохт намоянд.

68. Соҳибкорони инфиродии фаъолияти соҳибкориро дар асоси Шаҳодатнома анҷомдиҳанда андоз аз даромадро дар маҳалли баҳисобгирии худ пардохт менамоянд.

69. Андоз аз даромад аз даромади шахсони воқеие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд тибқи банди 63 Дастурамали мазкур бояд дар маҳалли зисти чунин шахсони воқеӣ пардохта шаванд.

70. Новобаста ба муқаррароти бандҳои 66-69 ҳамин Дастурамал, андози даромад нисбат ба шахсони воқеие, ки дар воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ кор мекунанд, бояд ба буҷети маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ супорида шаванд.

## 15. ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДИЕ, КИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУДРО ДАР ҲУДУДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ АНҶОМ МЕДИҲАНД

71. Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд-субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ нисбат ба даромади умумии дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ гирифта супорандагони андоз аз даромад мебошанд.

72. Даромади умумӣ тибқи муқаррароти моддаи 142 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усули хазинавӣ муайян карда мешавад.

73. Даромади умумии соҳибкори инфиродии тибқи Шаҳодатнома фаъолияткунанда-субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ, ҳамчун шахси воқеӣ бо андоз аз даромад бо меъёри 13% андозбандӣ карда мешавад.

74. Давраи андоз семоҳа мебошад.

75. Эъломия андоз ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ дар мӯҳлати то санаи 15 моҳи баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод гардида, дар ҳамон мӯҳлат маблағи пардохташаванда пардохта мешавад.

76. Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд-субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ нисбат ба даромад, подош, пардохт, фоида ва дигар пардохтҳои ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшуда (пардохтшаванда) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур супорандагони (агентони андози) андоз аз даромад мебошанд.

77. Имтиёзҳои андоз барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо ба он қисми фаъолияти онҳо, ки он дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба анҷом расонида мешавад, амал мекунанд.

## 16. БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗИ ХОРИҶӢ

78. Маблағи андоз аз даромад, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт шудаанд, ҳангоми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтани чунин андоз, дар сурати тасдиқ шудани пардохти андоз берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, ба ҳисоб гирифта мешавад.

79. Ҳаҷми баҳисобгирӣ, ки дар банди 78 Дастурамали мазкур пешбинӣ шудааст, набояд аз маблағи андозе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин даромад тибқи меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳисоб карда шудааст, зиёд бошад.

*Барои он ки андоз аз даромади хориҷӣ, ҳамчун андоз аз даромад баррасӣ шавад, бояд манбаи андози хориҷӣ ба манбаи андоз аз даромаде, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мутобиқ бошад.*

*Тарҳ, танҳо нисбати андози хориҷии аз андозсупоранда-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонидашавандае иҷозат дода мешавад, ки чунин манбаъҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо андоз аз даромад андозбандӣ мешуда бошанд. Ҳеҷ гуна тарҳкунӣ нисбат ба андози резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз қаламрави кишвар аз даромадҳои манбаҳои хориҷӣ пардохтнамуда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз озод аст, иҷозат дода намешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз қаламрави кишвар нисбат ба ягон намуди даромад андоз аз даромади хориҷиро пардохтааст, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин намуди даромад аз андозбандӣ озод мебошад, бинобар ин ба чунин резидент ҳуқуқи тарҳкунӣ доир ба маблаги андоз аз даромади хориҷӣ дода намешавад.*

## 17. ДАРОМАДҲОЕ, КИ ДАР МАМАЛАКАТҲОИ ДОРОИ АНДОЗБАНДИИ ИМТИЁЗНОК ГИРИФТА ШУДААСТ

80. Агар резидент мустақиман ё ғайримустақим дорои зиёда аз 10 фоизи фонди оинномавӣ ё зиёда аз 10 фоизи саҳмияҳо бо ҳуқуқи овози корхонаи хориҷӣ бошад, ки дар навбати худ дар мамлакати дорои андозбандии имтиёзнок даромад мегирад, як қисми чунин даромад, ки ба резидент тааллуқ дорад, ба даромади андозбандишавандаи вай (резидент) дохил карда мешавад.

81. Давлати хориҷӣ давлати дорои андозбандии имтиёзнок ҳисобида мешавад, агар:

а) меъёри андоз дар он нисбат ба меъёри мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, 30 фоиз кам бошад;

б) дар он қонунҳо дар бораи махфӣ нигоҳ доштани маълумоти молиявӣ ё маълумот дар бораи ширкатҳо амал мекунанд, ки имконият медиҳанд сирри соҳиби воқеии молу мулк ё гирандаи даромад махфӣ нигоҳ дошта шавад.

## 18. ҶАВОБГАРӢ

82. Шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, муассисаи доимии ғайрирезидент ва соҳибкори инфиродӣ, ки дар давоми соли тақвимӣ ба манфиати дигар шахсон пардохтҳо анҷом медиҳанд, ӯҳдадоранд иттилооти дахлдорро оид ба пардохтҳо тибқи тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

83. Андозсупорандагон, намояндагон ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин агентҳои андоз барои иҷрои номатлуби талаботҳои қонунгузории андоз тибқи Кодекеси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.